*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 12 (4595) | ПАНҶШАНБЕ, 12 ЯНВАРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



## «ИҚТИСОДИ САБЗ» - КАФИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОӢ

**Чанде пеш аҳолии ҷаҳон ба 8 миллиард нафар расид. Афзоиши аҳолӣ боиси зиёд шудани истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бештар истифода бурдани сарватҳои зеризаминӣ мегардад.**

Ин дар навбати худ ҳаҷми партовҳоро зиёд ва сифати ҳаётро паст мекунад. Бо мақсади хотима бахшидан ба раванди мазкур Созмони Милали Муттаҳид солҳои ҳаштодуми асри XX Консепсияи рушди устувор - зиндагӣ бидуни зарар расонидан ба наслҳои ояндаро тартиб дод. Дар асоси он модели «иқтисоди сабз» тавлид ёфт, ки бояд оянда ҷойгузини модели то ин дам амалкунанда гардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар сол зимни ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин мавзӯи рӯзмарра таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд. Чунончи, 23-юми декабри соли 2022 дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» иброз доштанд, ки бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба он, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кори нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шавад.

Мувофиқи ҳисоботи «Bloomberg NEF», барои то соли 2050 ноил шудан ба сатҳи сифрии партоби карбон солҳои 2026-2030 барои бунёди неругоҳҳои офтобию шамолӣ ҳар сол дар ҷаҳон 1,5 триллион доллар маблағгузорӣ бояд кард.

Соли 2021 ҳаҷми ба истифода додани иншооти манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар ҷаҳон 227 гигаваттро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2020 - ум 4,7 фоиз зиёдтар аст. Сармоягузорӣ дар ин самт ба 755 миллиард доллар расид.

Маблағи дар ин ҷода сарфнамудаи шаҳрвандон дар мамолики дунё ба 40 миллиард доллар баробар шудааст. Тибқи пешгӯии нашрияи маъруфи «The Economist», пас аз 10 сол дар сайёра ягон ширкати бузург нахоҳад монд, ки эҳтимолияти хатари тағйирёбии иқлимро ба назар нагирад. Аз ин рӯ, мавзӯи «иқтисоди сабз» дар мадди аввал хоҳад буд.

Пешвои миллат ин ҷанбаи муҳимро ба эътибор гирифта, дар Паёмашон таъкид карданд, ки дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим бояд дар кишвар тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Аз ин лиҳоз, механизми маблағгузории фондҳои махсус дар самти татбиқи «лоиҳаҳои сабз», хусусан, барои роҳандозии барномаву лоиҳаҳои мақсадноки рушди «иқтисоди сабз», аз ҷумла «энергияи сабз», бояд васеъ ҷорӣ карда шавад».

Мувофиқи маълумоти Фонди ҷаҳонии табиати ёбоӣ (WWF), иқтисоди ҷаҳонӣ ҳар рӯз аз ифлосшавии ҳаво бо сабаби истифодаи сӯзишворӣ 8 миллиард доллар зарар мебинад. Бо мақсади кам кардани ихроҷи газҳои парникии нақлиёт дар бисёр кишварҳо рӯ ба нақлиёти барқӣ оварда истодаанд, аммо неруи барқ дар аксари ин мамлакатҳо дар неругоҳҳои ҳароратӣ истеҳсол мешавад, ки он ҳам ба сӯзишворӣ ниёз дорад. Дар кишвари мо бошад, 98 дарсади неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол шуда, аз лиҳози экологӣ тоза мебошад.

Президенти мамлакат дар Паёмашон ба ин масъала дахл карда, чунин гуфтанд: «Тоҷикистон яке аз давлатҳои дорои захираҳои бузурги истеҳсоли неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза мебошад. Чунон ки борҳо таъкид кардаам, ҳоло 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз», кишвари мо дар ҷаҳон ҷои шашумро ишғол менамояд. Аз рӯи кам будани ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ низ Тоҷикистон дар яке аз ҷойҳои баландтарин қарор дорад.

Дар сурати истифодаи неруи барқи «тоза»-и дар кишвар истеҳсолшаванда дар воситаҳои нақлиёти барқӣ метавон талаботи мамлакатро аз маҳсулоти нефтӣ коҳиш дода, ба ин васила, ба ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат мусоидат намуд».

Сармоягузорӣ ба «иқтисоди сабз» дар баробари овардани манфиатҳои иқтисодӣ боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар шудани саломатии одамон гашта, дар маҷмӯъ ба ҳалли бисёр мушкилиҳои иҷтимоӣ низ мусоидат мекунад. Аз рӯи ҳисоби коршиносон, як долларе, ки барои барқароршавии ҷангал сарф мешавад, оянда 30 доллар манфиати иқтисодӣ меорад. Як миллион долларе, ки барои тавлиди «энергияи сабз» сарф мешавад, боиси таъсиси 16,7 ҷойи нави корӣ мегардад. Ин рақам дар неругоҳҳои бо сӯзишворӣ фаъолияткунанда 5,3 ҷойи корро ташкил медиҳад.

Соли 2017 ба соҳаи «энергияи сабз» дар ҷаҳон 280 миллиард доллар ва ба энергияи бо сӯзишворӣ фаъолияткунанда 103 миллиард доллар сармоягузорӣ шуда буд. Солҳои минбаъда низ ин нишондиҳанда ба манфиати «энергияи сабз» буда, дар ҳоли афзоиш аст.

Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки заруратигузаштан ба «иқтисоди сабз» дар хусуси дурнамои рушди энергетикаи водородӣ (гидрогенӣ) пешниҳоди ҷолиб намуданд: «Бо дарназардошти имконияту захираҳои «энергияи сабз» дар кишвар, вазоратҳои энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Академияи миллии илмҳо бо таъсиси гурӯҳи кории байниидоравӣ масъалаи имконият ва дурнамои рушди энергетикаи водородӣ, яъне неруи гидрогениро ҳамаҷониба омӯхта, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳоди мушаххас манзур намоянд».

Хулоса, ҳар як Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаи мукаммали рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакатро дар бар гирифта, боиси сол то сол беҳтар шудани некуаҳволии сокинони кишвар мегардад.

**Муҳаммадраҳим ЮСУФӢ, раиси Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳикматуллозода А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҳикматуллозода Абдуғаффор бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 501**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Бохтари вилояти Хатлон озод намудани Саломзода С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Саломзода Сиҷоуддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси шаҳри Бохтари вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 502**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе озод намудани Самӣ Ш. Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Самӣ Шариф Ҳамид бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи раиси ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 503**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Синои шаҳри Душанбе озод намудани Салимзода Н. Ф.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Салимзода Нусратулло Файзулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Синои шаҳри Душанбе озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 504**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе озод намудани Усмонзода Ф. Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Усмонзода Фатҳиддин Бадриддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 505**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Рӯдакӣ озод намудани Исматзода А. У.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Исматзода Азизулло Убайдулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Рӯдакӣ озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 506**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Лахш озод намудани Баротзода Ф. Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Баротзода Файзулло Раҷаб бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Лахш озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 507**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон озод намудани Одиназода Б. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Одиназода Бозоралӣ Неъмат бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 508**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон озод намудани Садриддинзода Б. Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Садриддинзода Бадриддин Талбак бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 509**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон озод намудани Саидзода Ҷ. Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Саидзода Ҷамшед Ҳамро бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 510**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Бохтари вилояти Хатлон таъин намудани Баротзода Ф. Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Баротзода Файзулло Раҷаб иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Бохтари вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 511**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таъин намудани Саидзода Т. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Саидзода Тоҷиддин Ниёз иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 512**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таъин намудани Гуреззода У. З.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Гуреззода Умед Зариф иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 513**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе таъин намудани Қодирзода Р. Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Қодирзода Руслан Раҷаб иҷрокунандаи раиси ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 514**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Рӯдакӣ таъин намудани Ҳикматуллозода А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҳикматуллозода Абдуғаффор иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Рӯдакӣ таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 515**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон таъин намудани Шарифӣ Б. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шарифӣ Бахтиёр Маҳмудзода иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 516**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон таъин намудани Мирзозода Н. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Мирзозода Нурулло Абдулҳай иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 517**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон таъин намудани Холмурод Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Холмурод Раҳмон иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 518**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд таъин намудани Салимзода Н. Ф.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Салимзода Нусратулло Файзулло иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 519**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон таъин намудани Сабурзода М. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сабурзода Мирзодавлат Абдолӣ иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 520**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Лахш таъин намудани Холзода К. К.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Холзода Каромиддин Камолиддин иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Лахш таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № 521**

## АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Риозода Нуралӣ Раҳмоналӣ бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи муовини раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № АП-322**

## АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сабурзода Мирзодавлат Абдолӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори Раёсати кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 январи соли 2023, № АП-323**

## ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 11 январи соли 2023, № 9, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Абдураҳмонзода А. С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдураҳмонзода Абдураҳмон Сафаралӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 11 январи соли 2023, № 10, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Шарифӣ Б. М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шарифӣ Бахтиёр Маҳмудзода бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 11 январи соли 2023, № 11, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҷӯразода Т.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҷӯразода Тоҷиддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 11 январи соли 2023, № 12, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Муминзод К. Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Муминзод Камолиддин Рамазон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 11 январи соли 2023, № 13, ш. Душанбе**
**Дар бораи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Муминзод К. Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Муминзод Камолиддин Рамазон раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ДАСТГИРИИ БОНУВОН - ҒАМХОРӢ БА МОДАР ВА ОИЛА

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат санадест, ки дастовардҳои кишварро то анҷоми сол таҳлилу баррасӣ намуда, роҳи фардои зиндагӣ, самтҳои асосии рушду тараққиёти кишварро дар марҳилаҳои нави таърихӣ муайян месозад.**

Ба касе пӯшида нест, ки аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани мақому манзалат, таъмини риояи ҳуқуқи конститутсионии занон тадбирҳо андешида ва мутобиқи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ онҳоро амалӣ мегардонад. Хусусан, масъалаҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, таъмини фаъолияти бонувон дар сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаббускорӣ ва рушди соҳибкории бонувон ҳамеша дар меҳвари сиёсати хирадмандона ва ватанпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд.

3-юми декабри соли 1999 қабул гардидани санади басо муҳим - Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» далели он аст ва дар таърихи соҳибистиқлолии мамлакат мавқеи хоса дошта, ба фаъолияти пурсамари занон ба ҳайси аъзои Ҳукумат, роҳбарони мақомоти назди Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, соҳибкорони муваффақ ва доктору профессорон замина фароҳам овардааст. Ин санадро барои бонувон ва рушду тараққиёти кишвар метавон сарнавиштсоз номид, ки самараҳои нек ба бор меорад.

Ҳамчунин, бо мақсади баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, таъмин намудани баробарҳуқуқии мардону занон, тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд як силсила асноди муҳим, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (1 - уми марти соли 2002, №89), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (19-уми марти соли 2013) қабул гардида, амалӣ мешаванд. Мақсад аз қабули ин санадҳо, пеш аз ҳама, арҷ гузоштан ба ҳуқуқу озодиҳои занон, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, нақши онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии мамлакат, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти занону духтарон мебошад.

Тавре Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии мамлакат иброз доштанд: «Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд. Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ - 71, фарҳанг - 47, бонкдорӣ - 39, алоқа - 25, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд».

16-уми ноябри соли 2013 дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд гардида буд: «Боло бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, тарбияи кадрҳо аз ҳисоби занону духтарони болаёқат, инчунин дастгирии ташаббусҳои занону бонувон дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва ғамхорӣ нисбат ба оила ҳадафи дигари давлати мо мебошад».

Тадбирҳои андешидаи Давлат ва Ҳукумати мамлакат дар ин самт ва ташкили квотаҳои президентӣ ба он боис шуданд, ки ҳазорон духтар аз гӯшаву канори мамлакат ва оилаҳои камбизоат соҳиби маълумоти олӣ ва касбҳои барои рушди минбаъдаи ҷумҳурӣ зарур гардиданд.

Тавре дар Паём зикр гардид: «... танҳо дар 21 соли охир беш аз 504 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳибкасб шудаанд. Аз ин шумора 239 ҳазор нафар соҳиби маълумоти олӣ гардида, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил карда истодаанд».

Бо шарофати дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва таъсиси грантҳои президентӣ фаъолияти занони соҳибкор равнақ ёфта, шароити зиндагиашон беҳтар, боварии онҳо ба фардои дурахшон бештар мегардад. Фаъолияти онҳо ба рушди иқтисоди кишвар низ таъсири назаррас мерасонад.

«Соли 2022 ба зиёда аз 600 ҳазор занону бонувон аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду 400 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 2,4 баробар зиёд мебошад. Умуман, дар панҷ соли охир маблағи қарзи ба занону бонувон пешниҳодшуда 12,1 миллиард сомониро ташкил кардааст. Рақамҳои зикршуда гувоҳи равшани фаъол будани занону бонувон дар иқтисодиёти кишвар мебошанд», - таъкид гардид дар Паём.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид кардаанд, ғамхорӣ ба зан арҷгузорӣ ба модар ва ғамхорӣ ба оила ва наслҳои оянда аст.

«Мо тасмим дорем, ки ҷалби бонувонро ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ минбаъд низ густариш бахшем, зеро онҳо дар ҷомеаи мо қувваи бузург мебошанд ва мо ҳамеша ба неруву ташаббусҳои онҳо эътимод дорем», - зикр карданд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

# МУЛОҚОТИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Раҳматзода, Насиба Содиқӣ, Ҷамшед Муртазозода ва Файзулло Наҷмидиниён дар шаҳраки Нуъмон Розиқ ва ҷамоатҳои деҳоти Абдулло Абдулвосиев, Бозорбой Бурунов, Карим Исмоил, Раҷаб Исмоил, «Баҳор», «Гулистон», «Чорсӯ», «Симиганҷ», «Ҷӯянгарон», «Ромит» ва дар толори маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр бо роҳбарони идораву ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳои шаҳри Ваҳдат бо интихобкунандагон мулоқот карданд.**

Вакилони Маҷлиси намояндагон зимни мулоқот оид ба муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат, аз ҷумла раванди амалишавии ҳадафҳои стратегии давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ, боло рафтани сатҳи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, таваҷҷуҳ ва маблағгузориҳо ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, занон, ҷавонон, пешбинӣ гардидани зиёдшавии маоши хизматчиёни ҳарбӣ, соҳаи маориф, илм, тандурустӣ, стипендия ва нафақа суҳбат оростанд.

Зимни вохӯриҳо, инчунин, нуктаҳои дигари муҳими Паёми Роҳбари давлат оид ба дастовардҳои даврони истиқлолият, ҳифзу таҳкимбахшии пояҳои истиқлолияти давлатӣ, оромию осудагии кишвар, амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, даъват ва гусели ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат, иҷрои нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат бахшида ба 35 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини амнияти озуқаворӣ, бахусус истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввал, аз ҷумла ғалла, картошка, маҳсулоти гӯштӣ, тухм ва равған, вусъат бахшидани корҳои саҳроӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишт, бахусус заминҳои наздиҳавлигӣ, шудгори саривақтии замин ва оғоз бахшидан ба кишти барвақтӣ ва дигар масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ба самъи сокинону интихобкунандагон расонида шуд.

Вакилони Маҷлиси намояндагон мақсаднок истифода бурдани неруи барқ, пешгирии талафот ва сари вақт пардохт кардани маблағи онро низ таъкид карданд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# СОЛИ 2022 ДАР ВМКБ 461 ИНШООТУ 26 КОРХОНА БУНЁД ШУД

**Чанде пеш таҳти раёсати раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Алишер Мирзонабот Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи вилоят даъвати шашум баргузор гардид, ки дар он асосан «Муҳокимаи лоиҳаи буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои соли 2023 ва таъмини иҷрои он дар соли 2021», «Баррасии рафти иҷрои қарори Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ аз 15 декабри соли 2020 таҳти №38 «Дар бораи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ВМКБ барои солҳои 2021-2025» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.**

Аз рӯи масъалаи аввал «Муҳокимаи лоиҳаи буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои солҳои 2023 ва таъмини иҷрои он дар соли 2021» сардори Сарраёсати молияи вилоят Хурсанд Вафобекзод баромад карда, аз ҷумла гуфт, ки рушди нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ - иҷтимоии вилоят ва иҷрои нақшаи даромади худии буҷети вилоят дар 11 моҳи соли гузашта 108,3 фоиз таъмин гардид.

Воридоти даромади худӣ ба буҷети вилоят 124 млн. сомониро ташкил дода, тибқи нақша 9,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии вилоят аз рӯи ҳаҷми умумӣ бо назардошти маблағҳои мақсаднок аз буҷети ҷумҳуриявӣ дар маҷмӯъ дар вилоят ба андозаи 103,1 фоиз иҷро гардида, маблағи субвенсия 100 фоиз таъмин шуд.

Номбурда тавзеҳ дод, ки сарфи назар аз мушкилиҳои соли гузашта ҳаҷми умумии даромади буҷети маҳаллии вилоят дар соли 2023 аз рӯи даромад ва хароҷот дар ҳаҷми 406,6 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шуда, афзоиши ҳаҷми буҷети вилоят барои соли 2023 нисбат ба буҷети соли гузашта 65,5 млн. сомониро ташкил хоҳад дод.

Дар идомаи иҷлосия сардори Раёсати рушди иқтисод ва савдои ВМКБ Исрор Исроров вобаста ба татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ВМКБ барои солҳои 2021-2025» иброз намуд, ки барнома 135 лоиҳаро ба маблағи умумии 4759,1 миллион сомонӣ дар бар мегирад. Дар ин давра аз рӯи 120 банди барнома, ки амалишавии бандҳо аз соли 2021 то соли 2022 ба нақша гирифта шудааст, 42 банд ба маблағи 609 миллиону 530,4 ҳазор сомонӣ пурра иҷро гардида, дар 40 банд ба маблағи 225 миллиону 507,8 ҳазор сомонӣ корҳо идома доранд ва дар 38 банди барнома бошад, бинобар маблағгузорӣ нагаштани онҳо, корҳо то ҳол оғоз нашуданд.

Дар давоми соли 2021 ва 10 моҳи соли 2022 аз ҳисоби ҳама сарчашмаи маблағгузорӣ барои бунёду барқарорсозии иншоотҳо бо назардошти маблағҳои соли 2020-ум 864 миллиону 606,2 ҳазор сомонӣ равона шуда, аз он 93 миллиону 105,1 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, 22 миллиону 340,8 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷети вилоятӣ, 686 миллиону 397,7 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва 62 миллиону 762,6 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ иҷро гардидааст, ки 51 фоизи нақшаи маблағи пешбинишудаи солҳои 2021- 2022 ва 18,2 фоизи маблағи умумии барномаро ташкил медиҳад.

Сипас, Алишер Мирзонабот зикр кард, ки мувофиқи ҳисоботи пешакии ҷамъбасти фаъолияти соли 2022, дар ҳама соҳа пешравиҳои назаррас дида мешаванд. Танҳо дар сохтмон ва соҳибкорӣ 461 иншоот дар шаҳру ноҳияҳои вилоят сохта шуда, 26 коргоҳу корхона таъсис ёфтанд.

Дар маҷмӯъ, танҳо дар сохтмон 201 миллиону 921,1 ҳазор сомонӣ аз худ карда шуда, айни ҳол корҳои бунёдӣ ба маблағи 35 миллион 585 ҳазор сомонӣ дар 144 иншооти вилоят идома доранд.

Сипас, аз рӯи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

# ДАР НОҲИЯИ ВОСЕЪ СОХТМОНИ 408 ИНШООТ БА НАҚША ГИРИФТА ШУДААСТ

**Бино ба иттилои мудири бахши меъмории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ Рустам Ҳисайнов, дар чор соли оянда бо мақсади дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани ҷашни 35 – солагии Истиқлолияти давлатӣ бунёди 408 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст. 28 муассисаи таълимӣ 84 маркази хизматрасонию савдо, 23 толору майдончаи варзишӣ, 6 хонаи фарҳанг, 25 бунгоҳи тиббӣ ва марказҳои саломатӣ, 81 коргоҳу корхонаи хурди саноатӣ ва 50 иншоот дар самти кашидани оби нӯшокию обрасонӣ аз ҳамон ҷумлаанд.**








- Дар 11 моҳи соли 2022 чор муассисаи таълимӣ, беморхонаи марказӣ, синфхонаҳои иловагӣ, ду ҳавзи шиноварӣ дар Ҷамоати деҳоти ба номи Худоёр Раҷабов, толору майдончаҳои варзишӣ, марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар маркази ноҳияи Восеъ, биноannotated Қасри фарҳанг, боғи фарҳангӣ ба истифода дода шуданд, - афзуд Рустам Ҳисайнов.

Аз ҳисоби Бонки рушди Олмон сохтани чор муассисаи таълимӣ дар Ҷамоати деҳоти ба номи Мирзоалӣ Вайсов ва Миралӣ Маҳмадалӣ бо 240 ҷойи нишаст идома доранд. Аз ҳисоби буҷети маҳаллии ноҳияи Восеъ якҷо бо соҳибкорони маҳаллӣ 10 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53 барои 250 хонанда рӯзҳои наздик мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Ҳамчунин, хона - музейи Рустами Холалӣ мавриди истифода қарор гирифт.

- Дар 11 моҳи соли 2022 аз иншооти банақшагирифташуда дар ноҳия 46 - то пурра ба анҷом расид, - гуфт дар фарҷоми суҳбат Рустам Ҳисайнов.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

# ЛЕВАКАНТ: ГАРМХОНАИ ЗАМОНАВӢ СОХТА МЕШАВАД

**Бо мақсади таъмини бозорҳои дохилӣ бо маҳсулот ва содироти он ба хориҷи кишвар дар деҳоти «Гулистон»-и шаҳри Левакант сохтмони гармхонаи замонавӣ оғоз ёфт.**

ҶДММ «Тақсимоти яклухти Хатлон» 10 гектар заминро ба иҷора гирифта, то охири соли 2023 дар он гармхонаҳои замонавӣ бунёд мекунад.

Ба иттилои сармуҳосиби ҷамъияти мазкур Мирзоюсуф Ниёзов, аввалин гармхона дар масоҳати 1,5 гектар то моҳи марти соли 2023 сохта мешавад ва 100 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин хоҳанд шуд.

Дар ин замина имкон фароҳам меояд, ки дар як мавсим зиёда аз 100 тонна ҳосили хушсифат рӯёнида шавад.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

Зикри хайр

# МО АЗ ТУ ҶУДОЕМ БА СУРАТ, НА БА МАЪНӢ...

**Доктори илмҳои филологӣ, профессор, Арбоби илм ва техника, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, нахустин доктори илм байни занон дар риштаи филология Мукаррама Қосимова агар дар қайди ҳаёт мебуданд, 90-сола мешуданд.**



Муаллима дар дунёи фонӣ сарбаланд зистанд. Олими пуркор, омӯзгори хушкор ва мураббии ғамхор буданд. Аз ҷумлаи муҳаққиқоне мебошанд, ки барои рушди илми забоншиносии тоҷик хидматҳои мондагор анҷом додаанд.

Фаъолияти илмиро аз таҳқиқи наҳви ҷумлаҳои мураккаби осори адибони муосир оғоз намуда, бо наҳви ҷумлаҳои содаи таърихӣ дар заминаи маводи се асари насрии даврони асримиёнагӣ: «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ва «Қобуснома»-и Кайковус анҷом доданд ва ба ин восита решаҳои амиқи бостонӣ доштани қолабҳои сарфию наҳвии баёнро ошкор карданд. Дар асоси маводи аз се асари охир гирдовардаашон воситаҳои ифодаи муносибатҳои наҳвии вожаҳоро дар таркиби ҷумлаҳои сода нишон дода, ширкати навъҳои робитаи наҳвиро дар васли ҷузъҳои ин гуна ҷумлаҳо, созмонёбии ҷумлаҳои яктаркибаву дутаркибаи хуллас, дутаркибаи тафсилии номиву феълӣ, ифодаи намуди амал дар хабарҳои феълӣ, вижагиҳои хабарҳои номиву феълӣ ва дигар аъзои ҷумла, нақши пешоянду пасояндҳо ва бандакҷонишинҳо ва монанди инҳоро ба риштаи таҳлил кашидаанд. Дар ин самт асару мақолаҳои илмиро перомуни корбурди калимаҳои семантикӣ дар рубоиёти Маҳастӣ, ифодаи тавсиф дар «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ, хусусиятҳои забонии номҳои Парвардигору пайғамбарон дар ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ, маҳбуба ва муродифҳои он дар ғазалиёти Бадриддин Ҳилолӣ, як усули мураккабгардии ҷумла дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб дар рубоиёти Умари Хайём, вижагиҳои сарфию наҳвии ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб дар «Саодатнома»-и Носири Хусрав, ҷумлаҳои мураккаби тобеи якпайрав дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, як қолаби ҷумлаҳои сода ва қаринаҳои он дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, ҷумлаҳои инкорӣ дар ғазалиёти Хоҷа Камол ба табъ расонидааст.

Дониши фарохи Мукаррама Қосимоваро метавон аз ин нукта низ дарк намуд, ки осораш танҳо ба як бахши забоншиносӣ рабт надошта, дар онҳо масоили гуногуни бахшҳои ин риштаи илм арзёбӣ гардидаанд.

Як ҳиссаи таҳқиқоти дар ин самт аҷомдодаи олим ба забонҳои русӣ, англисӣ ва форсӣ интишор шудаанд. Хонандаи гиромӣ аз таълифоти илмии ӯ доир ба имло (баъзе қайдҳо дар бораи имлои чанде аз маҷаллаву рӯзномаҳо), вожашиносии муосиру таърихӣ (тадқиқи яклухти ибораҳои фразеологӣ, ифодаи ном, рамзу аломатҳо ва муқаддасоти дину мазҳабҳо дар забони тоҷикӣ, номҳои муқаддасот дар забони тоҷикӣ, бори маънои иҷтимоӣ кашидани як гурӯҳ вожаҳо дар забони тоҷикӣ, баъзе вижагиҳои истилоҳот дар осори муаллифони қарнҳои XI-XII, назаре ба истилоҳоти забоншиносии пешин), калимасозӣ (пасванди –ча), бахши сарфи забони адабии муосири тоҷикӣ (баъзе аз вазифаҳои калимаи «балки», баъзе қайдҳо дар бораи забони ахбори омма), типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикиву русӣ (хусусиятҳои лексикӣ-грамматикии зарбулмасал ва мақолҳои ҳамгуни забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, «Краткий таджикско-русский и русско-таджикский учебный словарь, «Луғати мухтасари мавзӯии таълимии тоҷикӣ-русӣ»), усули таълими забони тоҷикӣ ё усули таълифи китобҳои дарсӣ (тавсияҳои методӣ аз забон ва адабиёти тоҷик барои дохилшавандаҳо), баъзе вижагиҳои омӯзиши сарфу наҳви забони тоҷикӣ, таблиғи ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳ ва инсонпарварӣ дар дарсҳои таърихи забон, тарбияи зебоипарастӣ ва сухангузинӣ дар ин дарсҳо баъзе андешаҳо дар бораи омода кардани мутахассисон – олимони соҳаи филология барои мактабҳои олӣ, хусусиятҳои таълифи китоби дарсии «Забони тоҷикӣ барои хориҷиён», принсипҳои таълифи китоби дарсии «Наҳви таърихии забони тоҷикӣ» огоҳии хуб доранд.

Мукаррама Қосимова дар навиштани матлабҳои донишномавӣ низ (энсиклопедӣ) фаъол буд. Аз ҷумла, дар ҷилди 8-уми «Энсиклопедияи советии тоҷик», ду ҷилди «Донишномаи Рӯдакӣ» ва дар ҷилди аввали «Энсиклопедияи миллии тоҷик» матлабҳои судманде интишор кардаанд.

Монография ва китобҳои дарсии таълифкардааш низ кам нестанд. «Ҷумлаҳои пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик», «Забон ва муъҷизаи он», «Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан», «Чор унсур: маъниофаринӣ, калимасозӣ» (дар асоси маводи «Маснавии маънавӣ»), «Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ», «Вожаи бад: маъно, калимасозӣ, вазифаҳои грамматикӣ (дар асоси осори муаллифони асрҳои IX-X), «Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри XI», «Структура ва семантикаи ҷумлаҳои сода», «Об дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ», «Ганҷи сухан» аз ҷумлаи онҳост.

Барои ба таври дилхоҳ омӯхтани ҳам забони тоҷикӣ, ҳам хатти ниёгон назарияро бе амалия тасаввур кардан амри маҳол аст. Зарурати таҳияи ин гуна роҳнаморо мавсуф ҳамеша таъкид мекард. Ин аст, ки як самти фаъолияти худро профессор Қосимова ба таълифи маҷмӯаи машқҳо, хрестоматияҳо равона карда, танҳоӣ ва ҳаммуаллифӣ китобҳоеро чун «Маҷмӯаи машқҳо аз забони тоҷикӣ» (барои муаллимони мактабҳои миёна), «Маҷмӯаи машқҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб» (дар ҳаммуаллифӣ бо Б. Камоллидинов), «Практикум аз забони адабии ҳозираи тоҷик», «Хрестоматия оид ба матни классикӣ» (бо ҳаммуаллифии С. Ҳалимов) таҳия ва пешкаши толибилмон карданд.

Вақте ки сухан аз боби устод Мукаррама Қосимова меравад, наметавон фаъолияти омӯзгории ӯро сарфи назар кард. Воқеан, дар баробари таҳқиқ ва омӯзиши забони тоҷикӣ, устод дар ин ришта шогирдони зиёдро ба камол расондаанд, ки имрӯз идомабахши фаъолияти ӯ мебошанд. Забони тоҷикро меомӯзанд, таҳқиқ мекунанд ва беолиш нигоҳ медоранд.

Гузашта аз ин, устод инсони фозил ва орифи дарёдил буданд. Аз суҳбатҳояшон мо - шогирдон ҳамеша лаззат мебурдем ва ба худ дурдонаҳои тоза ба тоза мечидем.

Агарчи имрӯз муаллимаи азиз паҳлуи мо нестанд, вале кору пайкори некашон дар хотири мо барои ҳамеша нақш бастааст ва он ҳеҷ гоҳ зудуда нахоҳад шуд. Чӣ хуш гуфтааст Соиби Табрезӣ:

**Мо аз ту ҷудоем ба сурат,**
**на ба маънӣ,**
**Чун фосилаи байт бувад**
**фосилаи мо.**

---

**С. СОБИРҶОНОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент, ходими калони Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии назди АМИТ,**
**А. ҲАСАНЗОДА,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори МДТ-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Аёдат



# ФИДОӢ

**Роҷеъ ба фаъолият, зиндагӣ, асару намоишҳои ин абармарди фарҳангу ҳунар борҳо гуфтаанду мо ҳам тариқи симову садо, шабакаҳои иҷтимоӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо шунидаему медонем. Дар ин маврид ҳатто телевизионҳои кишварҳои дигар барномаву намоишҳои ҷолиб омодаву манзур доштаанд. Ҳарчанд муҳаққиқон дар хусуси ин шахсияти камназир ва саҳми ӯ дар ҷодаи фарҳанги тоҷик, хоса театру кино, ҳамчунин аз шуҳрати оламгири ӯ, симои зебои тоҷиконааш, таҳамтанӣ, бебокӣ ва далериаш навиштанд, дар ин бора ҳанӯз гуфтаниҳо зиёди зиёд аст. Ӯ Ҳошим Гадо фидоӣ аст, фидоии санъати театр.**

Дар филми «Рустам ва Суҳроб» ӯро як корд задаанд, аммо дар зиндагӣ захми садҳо ханҷари дигарро дар рӯҳу ҷонаш эҳсос намуда. Бо ин ҳама боз ҳам аз нақшофарӣ мегӯяду аз театр. Ҳунараш кайҳо эътироф шудаву дӯстдорони зиёд дорад.

Ҳамроҳи дӯстам Ҷумъахони Сайидалӣ ҷониби манзили устод Ҳошим Гадо роҳ пеш гирифтем. Дар ошёнаи даҳум Ҷумъахон зангӯлаи дареро пахш кард. Воқеан, дари хона боз буд.

- Дароеду каме дар даҳлез сабр кунед,- шунида шуд садои ӯ.

Манзили одиву хоксоронае. Дар ин хона аз соли 1980 ба ин сӯ зиндагӣ мекунад. Дару роҳраву тирезаву ҷиҳози ошхона ҳама аз ҳамон давронанд.

- Дар 86-солагӣ аз ҷой бархестану либос ба бар кардан хуб давлатест,- гуфта аз дар ворид шуд устод Ҳошим Гадо ва чун дарк намуд, ки аз аҳли эҷодем, нимшӯхиву нимҷиддӣ ба акаи Ҷумъахон гуфт:

- Боз журналист овардӣ, ягон раиси бой наовардӣ? Бок не, чашмони ин журналист ҳам медурахшанд. Муҳим, ки бе савға наомадед.

Дар оғози суҳбат устод аз ҳоли дӯсти дигараш Аббос, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пурсон шуда, гуфт:

- Аз Ҷумъахон ва Аббос миннатдорам, ки маро хабар мегиранд аз ҳолам мепурсанду танҳо намегузоранд.

- Ту ягон чиз менависӣ?- аз ман пурсид Ҳошим Гадо.

- Агар зид набошед, устод.

- Аввал ин ки нанавис, аммо агар нависӣ, хуб навис, ки туро хонанд. Мисли Сайёфи Мизроб ва Зафари Мирзоён навис.

- Дар вақташ ман ҳам ҷавон будаму баланду зебо. Ду метр қад доштам. Паҳлавон будам. Дар Ӯзбекистон шаш нафарро дар гӯштин ҳалол кардам, ки аз қаҳрамонҳои ӯзбек буданд. Ман ҳунарманди замони шӯравиам. Исроил, Америко, Россия, Гурҷистон, Афғонистон, Эрон, Ӯзбекистон ҳама маро медонанд. Сухани Буқрот аст, ки ба бемор бояд нагӯйӣ, ки ту мемурӣ. Дардам зиёд аст, ки ҷаҳонро месӯзонад. Дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода намоиши «Рӯдакӣ»-ро ба саҳна гузоштам. Дусад бор нақши Эдипро бозӣ кардам, се бор сактаи дил шудам. Шогирдони зиёд дорам. Маҳмадсаид Шоҳиён, шодравон Аловуддин Абдуллоев, Лутфулло Давлат шогирдони мананд.

Воқеан, имрӯз дар мамлакат касе нест, ки Ҳошим Гадоро нашиносад. Ҳама медонанд, ки устод на танҳо ҳунарманди асил, балки муаллифи қариб 600 китоб аст, ки ба забонҳои тоҷикиву русӣ нашр шудаанд. Ҳар касе, ки аз рӯзгори ӯ огаҳӣ дорад, бо мо розӣ хоҳад буд, ки Ҳошим Гадо муъҷиза аст, муъҷизаи кайҳонӣ.

Аммо имрӯз ин муъҷиза танҳо аз дардҳо сухан мегӯяд.

- Медонӣ, барои чӣ китоб менависам?- бо ҷиддият ба чашмони ман менигарад устод. - Фикр мекунам, ки аз некон сухан, кохи баланд бояд ёдгор монад. Ман дар китобҳоям аз ҳақиқат сухан мегӯям. Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро дорам, 60 сол дар саҳна будам. Ҳоло ҳам метавонам нақши Суҳроб ё Эдипро офарам, аммо... Китобҳоро навиштам, ки дардам сабук шавад. Пас аз Муҳаммадҷон Қосимов Парчами давлатии Тоҷикистонро дар ҷаҳон ҳамчун ҳунарманд бо ҳунар ва зебоӣ ман барафрохтаам.

Дар Озорбойҷон чашмаеро бо номи ӯ гузоштанд. «Ҳошимбулагӣ» ном дорад чашма, яъне «Чашмаи Ҳошим» ва ин далели муҳаббати озариҳо ба ӯ ва ҳунари ӯст.

Ман дар филме нақши шоҳи озариҳоро офарида будам. Дар баробари ин, дар яке аз саҳнаҳои филм бо тавоноии худ барзаговеро, ки 15 сантиметр пуштамро даронд, афтонда будам, ки ба озариҳо писанд омад. Пйесаи «Шаби гирифтани моҳ»-ро дар 45 мамлакат намоиш додем. Ман нақши девонаро доштам, ки бароям беҳтарин буд. Дар пйесаи Шамсӣ Қиём нақши одами бегапро бозидам.

Воқеан, бе сухан дар саҳна падид омадану ҳадафро ба бинанда расондан чандон кори саҳл нест. Шояд аз ин хотир баъзеҳо ин нақшро болотар аз фоҷиаи Эдип медонанд. Илова бар ин, дар филми «Дохунда», ки аз рӯйи асари устод Садриддин Айнӣ наворбардорӣ шудааст, нақши паҳлавонро бозидааст, ки ҳама олианд.

Устод Ҳошим Гадо мегӯяд, ки ӯ 10-уми майи соли 2022 85-сола шуд. Вале аз он гиламанд аст, ки 85-солагиашро боргоҳҳое, ки кор кардаасту сарпарасти соҳаи ӯянд, ҷашн нагирифтанд.

Баъди суҳбати тӯлонӣ бо мо, устод чанд лаҳза хомӯшӣ ихтиёр карданд, фаҳмидан душвор набуд, ки дар дил ногуфтаҳои зиёде доранд. Хостам гиреҳи ин ногуфтаҳоро боз кунем, вале натавонистам. Вақте ба устод гуфтам, ки боз суол дорам, ӯ бо ҷиддияти ба худ хос посух дод:

- Дигар савол надеҳ, тамом, хуш омадед!

---

**Абдурозиқи АЗИЗ,**
**хабарнигори «Телевизиони Тоҷикистон»**

Маслиҳати муфид

# ЧӢ ТАВР НЕРУИ БАРҚ ВА ГАРМИРО МЕТАВОН САРФА КАРД?

**Дар зимистон талабот ба неруи барқ ва гармӣ бештар мешавад. Аз сабаби сарбории зиёд бо барқ баъзан трансформаторҳо аз кор мебароянд. Дар зер чанд маслиҳати муфидро ҷиҳати пешгирии талафоти барқу гармӣ пешкаш менамоем:**

- Рӯзона, ҳар қадар метавонед, аз рӯшноии табиӣ бештар истифода баред. Агар хонаатон аз тарафи ҷануб тиреза дошта бошад, пардаи тирезаро яктарафа намуда, чароғро хомӯш кунед. Рӯзҳои офтобии зимистон нури офтоб хонаатонро равшану гарм нигоҳ медорад.

- Ба ҷои фурӯзонакҳои тафсон чароғакҳои светодиодиро истифода намоед, зеро як чароғи 20- ваттаи светодиодӣ баробари як фурӯзонаки 100- ватта рӯшноӣ медиҳад. Яъне, қувваи барқро 5 маротиба камтар истифода мебарад.

- Агар девори хонаҳо ранги сафеду равшан дошта бошад, барои рӯшноии он чароғи тавоноияш кам низ кофӣ аст.

- Агар фарши хона гилӣ ё бетонӣ бошад, аз поён гилеми куҳна ва аз болои он қолин ё гилеми навтар партоед. Ҳуҷрае, ки кӯрпача партофта шудааст, нисбат ба хонаи бекӯрпача гармиро бештар нигоҳ медорад, зеро талафи гармӣ 10 - 15 маротиба кам мешавад.

- Ҳангоми аз ҳуҷраи корӣ ба танаффус баромадан чароғи онро хомӯш намоед. Компютерро дар ҳолати «хоб» гузоред. Дар реҷаи «хоб» гузоштан боиси 40 фоиз кам кардани талафи барқ мешавад.

- Тавассути деворҳои хона 40 фоиз, тиреза -20, бом -15 ва фарш 10 фоизи гармӣ талаф меёбад. Аз ин рӯ, дар девори хона овезон кардани қолин яке аз роҳҳои нисбатан осони нигоҳ доштани гармӣ дар манзил аст.

- Ҳангоми чойҷӯшонӣ ба андозаи чойник ё термос об ҷӯшонед. Агар чойник ним литр об бараду шумо 2 литр об ҷӯшонед, се маротиба зиёдтар барқ истифода мешавад.

- Аксар таҷҳизоти барқӣ тамғаи аз A то G доранд. Шумо тамғаи A ва B доштаашро интихоб намоед,



зеро онҳо барқро кам масраф мекунанд.

- Танӯрчаи микромавҷӣ («микроволновка») нисбат ба танӯрчаи одии барқӣ («духовка») 50 фоиз камтар неруи барқ сарф менамояд.

- Нерупуркунаки барқӣ ҳангоми холӣ дар разетка будан низ неруи барқ масраф мекунад. Аз ин рӯ, баъд аз неруи лептопу телефонатон пур шудан онҳоро аз розетка гиред.

- Ҳангоми ҳавои хунук яхдонро аз розетка ҷудо кардан беҳтар аст. Шумо бо ин рафторатон «умр»-и яхдонро дароз мекунед.

- Зимни дар пилтаи барқӣ пухтани таом болои дегчаро бо сарпӯш маҳкам кунед. Дар ин ҳол бо сарфи  ками барқ хӯрокатон зудтар мепазад. Яъне, барқ се маротиба камтар масраф мешавад.

- Либоси тарро болои радиатори барқӣ нагузоред, ки гармидиҳии он паст мешавад.

- Барои 3-4 либос  мошини ҷомашӯиро истифода набаред. Танҳо ҳангоми зиёдтар шудани либос аз он истифода намоед. Аз 3-4 либосро алоҳида шустан, як бор 10 - 12 либосро шустан се маротиба масрафи барқро кам мекунад. Ҳангоми либосшӯӣ дар реҷаи 30 дараҷа нисбат ба 40 дараҷа 35 фоиз камтар барқ масраф мешавад.

- Телевизор ва дигар таҷҳизоти барқиро баъди бо пулт хомӯш намудан аз розетка ҷудо намоед. Дилхоҳ таҷҳизоти барқии бо пулт идорашаванда дар ҳолати «интизорӣ» барқ масраф мекунад.

- Ҳар се моҳ обгармкунакро аз пасмондаҳои намаки об (накип) тоза намоед. Бо ин роҳ талафи барқ 15 -20 фоиз кам  мешавад.

- Агар кондитсионер дошта бошед, реҷаи ҳарорати онро баланд накунед. Ҳангоми 24 - 26 дараҷа гарм будани хона ё ҳуҷраи корӣ  нисбат ба 28 дараҷа будани он талафи барқ кам мешавад. Агар шумо фарз кардем соати 17:00 аз кор рафтанӣ бошед, на дар вақти рафтан, балки 20 дақиқа пештар кондитсионерро хомӯш кунед, зеро гармии мавҷудаи ҳуҷраи корӣ 20- 30 дақиқа боқӣ мемонад.

- Дар хона ё ҳуҷраи корӣ бо либосу ҷӯроби гарм будан низ боиси эҳсоси гармӣ шуда, аз меъёр зиёд баланд кардани ҳарорати кондитсионер ва талафёбии барқро пешгирӣ менамояд.

- Радиатори барқиро аз назди девор  дур нигоҳ доред, зеро қисми зиёди энергияи он барои гармкунии девор меравад.

- Ҳангоми шустани дасту рӯй ва дандон, инчунин ришгирӣ обро аввал ба зарф гирифта, пасон истифода баред, зеро дар сурати истифода аз ҷумаки оби ванна (термекс) 10 баробар бештар оби гарм сарф мешавад, ки он ҳам талафёбии барқ аст.

- Аз обгармкунаки офтобӣ истифода бурдан нисбат ба термекси барқӣ (муддати 5 - 10 сол) арзонтар меафтад. Ҳарчанд дар мадди аввал обгармкунаки офтобӣ ба назар қиматтар намояд ҳам, дигар хароҷот талаб намекунад. Эҳтимоли хатари аз садамаи барқ «сӯхтан»-и он низ аз байн меравад.

---

**Сайфиддин НАҶМИДДИНЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА» БА ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО НИЁЗ ДОРАД

**Дар ҳама давру замон, новобаста ба сохтори давлатдорӣ, мақомоти иттифоқҳои касаба дар ҷомеа аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, пеш аз ҳама, барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон тадбир меандешад.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи неруи инсониро вазифаи муҳими ҷомеа медонад, инсон ва ҳуқуқҳои он дар меҳвари сиёсати давлат қарор дорад.

Зимни паёми шодбошӣ ба ифтихори Рӯзи иттифоқҳои касаба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид карданд: «Дар замони истиқлолияти давлатӣ Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон роҳи самарабахшро тай намуда, на танҳо ягонагии сафҳои худро нигоҳ дошт, балки ба қувваи амалкунандае табдил ёфт, ки фаъолияти худро барои беҳтар намудани шароити меҳнат ва зиндагии аъзои иттифоқҳои касаба равона намудааст. Иттифоқҳои касаба ба ҳайси созмони оммавии мардумӣ ва ҳомии ҳуқуқу манфиатҳои аҳли заҳмат масъулияти ширкат дар идоракунии ҷомеа, тарбияи кадрҳо, ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаёт, таъмин намудани адолати иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти кормандон дар соҳаҳои иқтисоди миллиро ба уҳда доранд».

Федератсияи иттифоқҳои касаба ба сифати шарики боэътимоди иҷтимоии Ҳукумати кишвар дар асоси Конститутсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаъолият менамояд.

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракати иттифоқи касабаи мамлакат фаъолтар гардид. Ҳамчун шарики боэътимоди иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, барои таҳкими истиқлолияти давлатӣ, тақвияти арзишҳои умумимиллӣ ва ваҳдату якпорчагии кишвар тадбир меандешад. Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24-уми октябри соли 2019 бо фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон баргузор гардид, дар китоби фатҳу зафарҳои ин ташкилоти бонуфузи ҷамъиятии кишвар ҳамчун рӯйдоди таърихӣ сабт гардидааст. Қабл аз ин, 27-уми июни соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои арзанда баҳри пешрафти кори иттифоқҳои касаба бо нишони ифтихории тиллоии «Барои хизматҳо дар ҳаракатҳои иттифоҳои касаба» сарфароз гардиданд.

Иттифоқҳои касабаи кишвар бо ташкилот ва иттиҳодияҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили ТБМ, Конфедератсияи байналмилалии иттифоқҳои касабаи озод, ЮНИСЕФ, ЮНЕСКО дар асоси эҳтироми тарафҳо ҳамкорӣ дорад.

Иттифоқҳои касаба, пеш аз ҳама, мактаби бузурги иттиҳоду ҳамбастагӣ, тарбияи инсон, ҳимоятгарӣ манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнии корманд мебошад. Он дар доираи вазифаҳои оинномавии худ барои беҳтар гаштани шароити меҳнат дар истеҳсолот, зиндагии шоистаи кормандон ва аъзои оилаи онҳо дар ҳамкорӣ бо корфармо тадбирҳо меандешад.

Иттифоқи касабаи комплекси агросаноатии шаҳри Ваҳдат фаъолияташро ба талаботи қонунҳои амалкунанда ба роҳ монда, барои амалӣ кардани сиёсати давлат оид ба ҳифзи меҳнат, таъминоти иҷтимоӣ ва суғурта, назорати ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, иҷрои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ чораҳои мушаххас андешида истодаанд. Ҳоло дар хоҷагиҳои кишоварзии коллективӣ, хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва ташкилоту муассисаҳои кишоварзии шаҳр 50 ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба амал мекунанд. Шумораи аъзои иттифоқи касаба ба 11898 нафар расидааст. Бо мақсади муттаҳид кардани фаъолият ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва зеҳнии аъзои иттифоқи касабаи соҳа ва аъзои оилаи онҳо, бо назардошти қонунҳои амалкунанда дар 9 ҷамоати деҳот ташкилотҳои муттаҳидаи иттифоқи касаба ташкил карда шудааст. Бо 34 ташкилоту муассиса ва хоҷагиҳои кишоварзии шаҳр шартномаҳои ҳамкорӣ барои солҳои 2020 – 2023 ва як созишномаи сетарафа барои солҳои 2020 – 2023 баста шудааст. Ҳамаи шартномаҳои басташуда зери назорати доимӣ қарор дорад. Аз тарафи кормандони кумита вобаста ба пардохти музди меҳнати кормандон корбарӣ карда мешавад. Мувофиқи маълумоти оморӣ қарздории музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ ба қайд гирифта нашудааст.

Бо мақсади иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2022 таҳти № 211 «Дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соли 2022», бо дастгирии бевоситаи Кумитаи марказии иттифоқи касабаи комплекси агросаноатии Тоҷикистон соли гузашта 41 нафар кӯдакон ва наврасон аз оилаҳои кормандони соҳа ба истироҳатгоҳҳо равон карда шудаанд.

Дар охир як нуктаро мехоҳам зикр кунам. Ҳоло вобаста ба рушди ҷомеа ва тақозои шароити мавҷуда фаъолияти иттифоқҳои касаба ба таҷдиду навсозӣ ниёз дорад. Айни ҳол он аз рӯи дастуру меъёрҳои санадҳои солҳои 90-уми асри гузашта қабулгардида ба роҳ монда шудааст. Бинобар ин, хуб мебуд парламенти кишвар бо ҷалби мутахассисони соҳа ва ҳуқуқшиносони варзида дар мавриди даровардани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» тадбир андешад.

---

**Асадулло АБДУЛЛОЕВ,**
**раиси Кумитаи иттифоқи касабаи комплекси агросаноатии шаҳри Ваҳдат**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ИШҒОЛИ МАНСАБҲОИ ХОЛИИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ЗЕРИН ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:

**1. Сардори шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии гуманитарӣ;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 2 220,10 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**2. Сардори шуъбаи идоракунии корҳо ва назорат - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии гуманитарӣ;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
-маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 2 220,10 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**3. Сармутахассиси Раёсати санъат - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии соҳаи санъат ва фарҳанг;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
-маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**4. Сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
-маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**5. Сармутахассиси бахши танзими техникӣ – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии муҳандисӣ - сохтмонӣ, техникӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
-маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**6. Сармутахассиси шуъбаи ҳисоботи муҳосибавӣ ва баҳисобгирӣ – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии иқтисодӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
-маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**7. Мутахассиси пешбари Раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ – фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии соҳаи фарҳанг, гуманитарӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
-маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**8. Мутахассиси пешбари шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

-таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки уҳдадориҳои мансабии маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
-маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**9. Мутахассиси пешбари шуъбаи аудити дохилӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

-таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ;
- на кам аз 3 сол собиқаи меҳнатӣ аз рӯи ихтисос;
-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
-маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**10. Мутахассиси Раёсати санъат - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

-таҳсилоти олии касбии соҳаи санъат ва фарҳанг;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
-маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1112,20 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад**:

-аризаи шахсӣ ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ;
-варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона расми андозаи 4х6 (маълумоти шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
-тарҷумаи ҳол (хаттӣ ва чопӣ);
-нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
-маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли № 038);
-нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);
-маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
-маълумотнома аз ҷои истиқомат;
-маълумотнома оид ба доштан ва ё надоштани доғи судӣ;
-нусхаи шиноснома;
-нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ;
-нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
-маълумотнома аз ҷои истиқомат (ҳайати оила);
-маълумотнома (объективка) дар шакли хаттӣ ва электронӣ.

**Эзоҳ:** *Барои довталабон донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос, малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ зарур буда, донистани забонҳои хориҷӣ бартарӣ дорад.*

*Ҳуҷҷатҳо дар муҳлати 21 рӯз - аз рӯзи нашри якуми эълон дар бораи гузаронидани озмун қабул карда мешаванд.*

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо ва баргузории озмун:**

***734025,*** **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 34, тел: 223-19-71 ва 221-04-23,** сайти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.vfarhang.tj**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 27-уми январи соли 2023 музоядаи № 3-ро оид ба фурӯши амволи ба фоидаи давлат мусодирагардида барпо менамояд

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шампун | адад | 60 | 840 |
| 2 | Мошинаи сартарошӣ (истифодашуда) | адад | 1 | 70 |
| 3 | Чойники барқӣ (истифодашуда) | адад | 1 | 40 |
| 4 | Таҷҳизот барои маҳс (истифодашуда) | адад | 1 | 35 |
| 5 | Телевизори ранга (истифодашуда) | адад | 1 | 350 |
| 6 | Пойафзоли мардона (кросовки) (истифодашуда) | ҷуфт | 4 | 60 |
| 7 | Пойафзоли занона (истифодашуда) | ҷуфт | 3 | 45 |
| 8 | Туфлии занона (истифодашуда) | ҷуфт | 4 | 60 |
| 9 | Миёнбанди мардона (тасма) (истифодашуда) | адад | 4 | 28 |
| 10 | Босоножкаи кӯдакона (истифодашуда) | ҷуфт | 3 | 45 |
| 11 | Ҷӯроби занона | ҷуфт | 50 | 70 |
| 12 | Шими мардона (истифодашуда) | адад | 2 | 30 |
| 13 | Бриджаи кӯдакона (истифодашуда) | адад | 2 | 28 |
| 14 | Собуни дастшӯӣ | адад | 12 | 18 |
| 15 | Мошинаи ҷомашӯӣ (истифодашуда) | адад | 1 | 910 |
| 16 | Шеткаи дандоншӯӣ | адад | 10 | 35 |
| 17 | Атри занона | адад | 2 | 110 |
| 18 | Насос (барои камера) | адад | 2 | 170 |
| 19 | Тафдон (духовка) (истифодашуда) | адад | 1 | 140 |
| 20 | Нӯшокии спиртии навъи «Коняк» | адад | 3 | 300 |
| 21 | Соккунак (истифодашуда) | адад | 1 | 100 |
| 22 | Коляска (истифодашуда) | адад | 1 | 490 |
| 23 | Дрел | адад | 1 | 175 |
| 24 | Болгарка | адад | 1 | 140 |
| 25 | Лопзик | адад | 1 | 140 |
| 26 | Бампери автомашина | адад | 1 | 175 |
| 27 | Шланги оташхомӯшкунии 20-метра | адад | 3 | 210 |
| 28 | Борхалта (мешок)-и электронии қуввасанҷӣ (истифодашуда) | адад | 1 | 6300 |
| 29 | Камера (дрон) (истифодашуда) | адад | 1 | 1750 |

### 27-уми январи соли 2023 музоядаи № 4-ро оид ба фурӯши амволи ба фоидаи давлат мусодирагардида барпо менамояд

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Адабиёти динӣ | адад | 13 | 325 |
| 2 | Ҷойнамоз | адад | 7 | 140 |
| 3 | Соатҳо бо навиштаҷоти динӣ | адад | 13 | 1950 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10$^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) дар чорчӯбаи лоиҳаи «DREF OPERATION: MDRTJ032», ки аз тарафи Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар маблағгузорӣ мешавад, ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерӣ ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро ба озмуни тендерии зерин даъват менамояд**:

**Ташкили шароити мусоид барои гузаронидани семинар оид ба сабақҳои омӯхташуда барои кормандон ва волонтёрони Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон.**

Барои иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда нусхаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва маълумотномаро оид ба қарздор набудан дар назди буҷети давлатӣ пешниҳод кардан лозим аст.

Барои гирифтани маълумот оид ба озмуни тендерӣ, ҳама шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ метавонанд ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Умари Хайём - 120 бо телефони 224-42-85, шуъбаи таъминоти моддии техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода шудаанд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то соати 17$^{00}$, 24-уми январи соли 2023 муқаррар шудааст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0445192-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Ҳисор бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Дурбат, деҳаи Меҳнатобод ба Раҷабов Урок додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии фаъолияти соҳибкории инфиродии №0333731-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 12-уми феврали соли 2018 ба Рустамов Умриҷон Раҳимович (РЯМ 6030133835, РМА 606029516) додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0088640- и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён таҳти рақами бақайдгирии 847 санаи 28-уми июли соли 2005 ба сокини Ҷамоати деҳоти Носири Хисрави ноҳияи Қубодиён Раҳимова Бозорой Раимназаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии №3500006220277-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 2-юми августи соли 2019 ба Давлатова Шарифамоҳ Раҳматуллоевна (санаи таваллуд 10 июни соли 1961) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи мутахассиси хатм бо баҳои аълои №107705 0004953-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия таҳти қайди 4485 соли 2015 ба Раҳимов Аҳкомуддин Сироджидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳти қайди 5648 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 299, квартираи 15 ба Саидов Ҳусейн Олимхонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши силсилаи ДШ №0135810- и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19-уми октябри соли 2011 таҳти қайди 1Ш- 1287 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 299, квартираи 15 ба Саидов Ҳусейн Олимхонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аппарати хазинавии «Меркурий – 130Ф», №203225-и гумшудаи ҶДММ «Баҳор-99» (РЯМ 0410002881) эътибор надорад.

**Аҳли эҷоди Идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба Сармуҳаррири рӯзномаи «Халқ овози» Ёқубҷон Абдуманонзода бинобар вафоти**

**ПАДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият намуда, аз даргоҳи Худованд барояш сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум
Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев ва Фарзона Файзалиева*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97*

*Ба чопаш 12 январи соли 2023, соати 16:45 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35455 нусха*

Навбатдори шумора
А. Мирзозода

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров